ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4. 3. 6. Паразитология

Мубрамии мавзуи кори диссертатсионӣ дар он инъикос меёбад, ки айни замон барои пешгирӣ аз бадшавии вазъи эпизоотӣ нисбат ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, солим нигоҳ доштан ва зиёд кардани маҳсулнокии чорво, омӯзиши ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гуногуни мавзуъ: эпизоотология, ташхис, ташхиси тафриқавӣ, такмили усулҳои пешгирикунанда, табобат ва чорабиниҳои маҷмӯавии муборизa бо бемориҳои зикргардида, бо истифода аз маводи зиддипаразитии самаранокии баланддошта, бо дарназардошти ҳамаи марҳилаҳои давраи инкишофи барангезандагон ва интиқолдиҳандагони онҳо, яке аз масъалаҳои мубрами паразитологияи муосир маҳсуб меёбад.

Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич аз соли 2021 ҳамчун унвончӯ ва омӯзгори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолияти илмӣ мебарад. Ӯ соли 2018 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси духтури «Тибби ветеринарӣ» бо дипломи маълумоти олӣ хатм намудааст.

Дар давоми унвонҷӯиаш Абдураҳимов С.Д. қобилияти баланди тадқиқотӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолона иштирок кардан дар корҳои илмию амалиро нишон дод. Ӯ мавзуи муҳими илмии марбут ба омӯзиши хусусиятҳои эпизоотологии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ, коркарди усулҳои муолиҷа ва пешгирии бемориҳои мазкур бо истифода аз маводи кимиётерапевтӣ ва инсектоакарисидии муосир, инчунин эмгузаронӣ бар зидди тейлериози гов бо истифода аз ваксинаи штамми S_{15} тадқиқоти васеъ ва амиқро анҷом дод.

Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 4 боб, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок ва дараҷаи омӯзиши масъала, мавзуъ ва объекти тадқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола инъикос ёфтааст.

Дар боби якум шарҳи амиқи адабиёти соҳавӣ оид ба ҳолати омӯзиши пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, табобат, пешгирӣ ва чораҳои муборизa бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор ва интиқолдиҳандагони онҳо дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, инчунин

тавсифи хусусиятҳои табиию иқлимии Тоҷикистони Ҷанубӣ пешкаш шудааст.

Дар боби дуюм мавод ва усули тадқиқот дарҷ шудааст. Дар боби сеюм натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ, яъне фаунаи пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон Ҷанубӣ, сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо дар минтақаҳои ҳамвор, доманакӯҳ пасткӯҳ, миёнакӯҳ, вобаста аз синну сол ва зоти чорво, ҷараёни мавсимии сироятёбӣ ва омехтаи чорвои калони шохдор, фаунаи канаҳои иксодӣ – интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор, пешгирии махсуси тейлериози чорвои калони шохдор бо истифода аз ваксинаи штамми S_{15}, самаранокии маводи зиддипротозойӣ ҳангоми тейлериоз ва бабезиозҳои чорвои калони шохдор ва самаранокии маводи инсектоакарисидӣ ҳангоми иксодидозҳои чорвои калони шохдор ва коркарди биноҳои чорводорӣ шарҳ дода шудааст.

Аз ҷониби муаллиф дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ (водиҳо, доманакӯҳҳо, пасткӯҳҳо ва миёнакӯҳҳо) дар маҷмӯъ 3 намуди пироплазмидаҳо: *Theileria annulata*; *Babesia bigemina (Piroplasma bigeminum)*; *Babesia (Francaiella) colchica* муайян карда шуданд. Инчунин дар қаламрави Тоҷикистони Ҷанубӣ 12 намуди канаҳои иксодӣ ва аргасӣ-интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳои ҳайвонот ошкор гардид.

Тадқиқот нишон дод, ки бо мақсади пешгирии махсуси тейлериози чорвои калони шохдор ваксинаи штамми S_{15}-и истеҳсоли Эрон бо меъёри 1,0 мл ба зери пӯст дар шароити эксперименталӣ самаранокии баландро соҳиб мебошад, ки он 100%-ро ташкил менамояд.

Муайян карда шуд, ки ҳангоми тейлериози чорвои калони шохдор самаранокии зиддипротозойии маводи бупарвекси 5% -100% бутачем - 87,5% ва трипанол плюс – 75,5%-ро ташкил менамояд. Ҳангоми бабезиозҳо бошад, самаранокии бабезани 12%, имкар-120 - 100% ва неозидин-М дар маҷмӯъ ба 85,7% баробар аст.

Таҷрибаҳо нишон дод, ки самаранокии акарисидии маводи ратсидол ва СИПЭК-10% ҳангоми коркарди чорво ва биноҳои чорводорӣ 100%-ро ташкил менамояд. Аммо самаранокии экстенсивии онҳо ҳангоми коркарди чорво ба 85,7% ва самаранокии интенсивиаш бошад, ба 87,5% баробар аст.

Дар боби чорум баррасии натиҷаҳои бадастомада инъикос ёфтаанд. Дар хулосаҳо ва тавсияҳо, истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот пешниҳод гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар баромадҳои муаллиф дар

семинару конференсияҳои сатҳи гуногун ва мақолаҳои илмӣ нашр гардидаанд.

Дар асоси маводи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст, ки аз онҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Илова бар ин, ӯ «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор», ки онҳо аз ҷониби Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024 тасдиқ шуда, дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ татбиқ шуда истодаанд.

Хулоса. Диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (Қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2023, №3 ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
Доктори илмҳои ветеринарӣ Сахимов М.Р.
24 феврали с.2026

Суроға: 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Ҳазора 45/1
Тел: +992900904700
Email: sahimovm@mail.ru

Имзои Сахимов М.Р. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи таъминоти
ҳуқуқӣ ва кадрҳо _____ Курбонзода А.Х.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 146, ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru
«25» 02 с.2026